ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-002 дар назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулоҳи Рӯдакӣ вобаста ба қабули диссертатсияи номзадии Қамчибекзода Гулнора Эшон дар мавзуи «Маърифати педагогӣ-психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-002 дар назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулоҳи Рӯдакӣ оид ба диссертатсияи Қамчибекзода Гулнора Эшон дар мавзуи «Маърифати педагогӣ-психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) тибқи қарори шурои диссертатсионӣ аз 15.04.2025 суратмаҷлиси №16.1 дар ҳайати зерин интихоб карда шуданд:

2.1. Қурбонов Абдураҳмон Шерович – сардори раёсати масъалаҳои иҷтимоии маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви шуро аз рӯйи ихтисоси 19.00.07- Психологияи педагогӣ – раиси комиссия;

2.2. Бозоров Хушвахт – дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳои Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, номзади илмҳои педагогӣ, узви шуро аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот – узви комиссия;

2.3. Лоиқов Парвиз – дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, номзади илмҳои педагогӣ – узви комиссия.

Комиссияи экспертӣ таҳқиқоти диссертатсионии Қамчибекзода Гулнора Эшонро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода, чунин мешуморад, ки он кори баитмомрасидаи илмӣ-тахассусӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шудааст. Таҳқиқот ба ҳадафҳои стратегии мамлакат роҷеъ ба мувофиқгардонии натиҷаҳои илмҳои педагогию ҷомеашиносӣ созгор мебошад.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия ва автореферати он ба ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мувофиқ буда, ба самти ихтисоси шурои диссертатсионӣ низ мутобиқат мекунад.

Диссертатсияи мазкур аз ҷиҳати моҳият ва мазмун ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мутобиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҷурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ аст.

Комиссия қайд мекунад, ки рисолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои мубрами имрӯза - маърифати педагогию психологии волидон бахшида шудааст. Албатта, тарбияи волидони бомаърифат, тавассути мактабу маориф амалӣ мегардад. Воситаи дигари тарбияи ташаккули оилаи солим, якдигарфаҳмии волидону омӯзгрон, қобилияти баланд ва маҳорату малакаи онҳо дар раванди ташаккули оила хеле муҳим мебошад.

Дар рисолаи мазкур бори аввал ҷанбаҳои амалии масъалаи маърифати педагогию психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонанда дар оила, дар мисоли муассисаҳои таълимии

умумии шаҳри Душанбе ва ноҳияи Лахш мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Масъалаи мазкур дар доираи проблемаҳои психологию педагогӣ муҳим буда, дар айни замон мубрам ва зарурӣ мебошад. Ҳамчунин, лозим ба зикр аст, ки таҳқиқоти мазкур ба барномаҳо ва ҳадафҳои стратегии мамлакат барои мутобиқгардонии натиҷаҳои илмҳои ҷамъиятӣ ба воқеияти объективӣ созгор мебошад.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ дар 22 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 8 ададашро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расида, 14 адади боқимонда мақолаҳои илмии дар маводи конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявию байналмилалӣ ва дигар нашрияҳои илмӣ ба чоп расида ташкил медиҳанд.

Миқдор ва сифати мақолаҳои ба нашр расонидаи довталаб ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва меъёрҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори ҳукумати ҶТ аз 30.06.2021, №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295) пурра ҷавобгӯ мебошанд.

Ҳадафи асосии рисолаи диссертатсионӣ. Барои ноил гардидан ва дар амал татбиқ намудани мақсади кори илмию таҳқиқотӣ иҷрои вазифаҳои зерин пешбинӣ гардиданд:

1. Таҳкими асосҳои назариявию методологии маърифати педагогию психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонанда дар оила;

2. Таҳлили хусусиятҳои муносибатҳои волидон дар оила ва таъсири он ба инкишофи шахсияти хонандагон;

3. Коркарди технологияи нави маърифатнокии педагогию психологии волидон тавъам бо анъанаҳои миллӣ дар таълиму тарбияи оилавӣ;

4. Тартиб додани пурсишномаҳо, таҳлил ва натиҷагирӣ оид ба маърифатнокии педагогию психологии волидон;

5. Таҳияи таклифу пешниҳодҳо ҷиҳати маърифатнокии педагогию психологии волидон;

6. Ошкор кардани анъанаҳои миллӣ дар тарбияи оилавӣ ҳамчун заминаи ташаккули маърифати педагогию психологии волидон;

7. Кушода додани мушкилоти волидон дар раванди таълиму тарбия таввасути роҳу усулҳои муассири педагогию психологӣ.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро истифодаи методҳои самарабахши таҳқиқот, такя ба назарияи маърифат ва таълими инкишофдиҳанда, комилан мувофиқ будани вазифаҳои гузошташуда ва методҳои таҳқиқот таъмин менамоянд.

Сохтори мукаддима ва банду басти бобҳои он дар асоси талаботи муқарраршуда таҳия шудааст. Боби якуми рисола хусусияти назариявӣ дошта, дар боби минбаъда натиҷаи масъалаҳои гузошташуда мавриди татбиқ, баррасӣ ва таҳлилу озмоиш қарор гирифтааст.

Хулосаҳо ва натиҷагириҳои унвончӯ асоснок буда, ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсияи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ аст.

Хулоса

Мубрамии мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, арзишҳои амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Қамчибекзода Гулнора Эшон дар мавзуи «Маърифати педагогӣ-психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси

13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) кори таҳқиқотии мустақилона анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро ба ҳимоя қабул кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Қамчибекзода Гулнора Эшонро дар мавзуи «Маърифати педагогӣ-психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) таҳлил ва муҳокима намуда, чунин **қарор қабул кард:**

1. Диссертатсияи Қамчибекзода Гулнора Эшон дар мавзуи «Маърифати педагогӣ-психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мутобиқ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295) омода гардида, дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-002 дар назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулоҳи Рӯдакӣ барои ҳимоя тавсия дода шавад.

2. Муассисаи пешбари диссертатсия - Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим улуғзода, **муқарризони расмӣ: Иматзода Л.М.** – доктори илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи педагогика, психология ва методикаи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомӣ ва **Вализода Шоирахон** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ

“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров” таъин карда шаванд.

3. Ба нашру панҳкунии автореферат ва диссертатсия, инчунин, барои дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ гузоштани эълон оид ба ҳимоя ва гузоштани матни диссертатсия ва автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои фалсафа,
профессор Қурбонов А.Ш

Узви комиссияи экспертӣ:
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент Бозоров Х.

Узви комиссияи экспертӣ:
номзади илмҳои педагогӣ Лоиқов П.

05.05.2025

«Имзои А.Ш. Қурбонов, Х. Бозоров ва Лоиқов Парвизро тасдиқ мекунам».

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДК
ба номи А. Рӯдакӣ Амиров Ф.А.

05.05.2025